*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025,*
*ш. Душанбе, маҳ. Буни Ҳисорак)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**

Дар илми менеҷменти муосир истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатӣ таъминкунандаи уфуқҳои нави рушди фаъолияти иқтисодӣ диниста шуда, таҳия ва такмили мунтазами механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти ташаббускоронаи кормандонро дар менеҷменти соҳаи сайёҳӣ тақозо менамояд. Истифодаи механизми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба тағйиротҳои бозори истеъмолӣ ва хизматрасониҳо алоқамандии ногусастанӣ дошта, такмили саривақтии механизмҳои хавасмандагардонии иқтидори меҳнатӣ, метавонад мавқеи ширкатҳои сайёҳиро дар сохтори иқтисоди миллӣ устувор намояд.

Тафсилоти мухтасари автореферати диссертатсия маълум менамояд, ки Эсанов М.Д. сохтори рисолаи диссертатсионии худро бо мантиқи пайдарҳамии масъалаҳои мубрами ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатиро дар менеҷменти соҳаи сайёҳии мамлакат пайгирӣ ва мавриди баррасӣ қарор дода, заминаҳои назариявӣ, фарзияҳои илмӣ, методикаҳои илмию таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои мушоҳидаҳои муаллифиву таҳлили иқтисодӣ, муайянсозии афзалиятҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатиро дар рушди менеҷменти соҳаи сайёҳӣ дар асоси тағйирёбии вазъи бозори хизматҳои сайёҳӣ таҳқиқ намудааст.

Воқеан дар автореферати диссертатсия, вобаста ба натиҷаҳои ба дастовардашуда, нуктаҳои ҷолиби аҳамияти илмию назариявӣ ва амалидоштаи кори таҳқиқотии Эсанов М.Д. инъикос гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки комплексҳои мотиватсионӣ имконият медиҳанд, ки майдони васеи ҳамкории байни ширкат ва коргарон, монеаи байни роҳбарон ва коргаронро аз байн бардошта, самаранокии меҳнат ва истеҳсолотро то дараҷаи аъло таъмин намояд (саҳ.14).

Хулоса ва ақидаҳои дар шакли тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаи муаллиф, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро оид ба мавзуи таҳқиқотшаванда ҷамъбаст намудааст.

Дар қатори нуктаҳои ҷолиби илмию амалӣ, дар автореферати диссертатсия чунин эродҳо мушоҳида мегардад:

1. Дар саҳифаҳои 11-13 автореферати диссертатсия, муаллиф таҷрибаи хориҷиро дар ҳавасмандгардонии фаъолияти кормандон таҳқиқ намуда, ҳамзамон таҷрибаи муваффақи давлатҳои ҷаҳон-ИМА,Ҷопон ва як қатор мамлакатҳои Иттиҳоди аврупоро асоснок намудааст. Аммо, татбиқи таҷрибаи муфиди кадоме аз ин мамлакатҳоро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод накардааст.

2. Дар саҳифаи 23 автореферати диссертатсия аз тарафи муаллиф таснифоти иловапулӣ ва изофапулӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дар расми 6 таҳия карда шудааст. Оид ба расми таҳия гардида, ақида ва мақсади асосии муаллиф норавшан мондаст.

Дар маҷмӯъ эродҳои таъкидшуда арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунанд, зеро онҳо хусусияти шарҳу тафсилотдиҳӣ доранд. Вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни 2023 сол, таҳти №295 тасдиқ шудааст.

Бинобар ин, Эсанов Муҳаммадшариф Давлатовичро барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) сазовор медонем.

**Тақризнавис:**
н.и.и., ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ Бобозода К.О.

Имзои К.О. Бобозодаро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадроҳои
Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ Зиёева М.С.

14.12.2024

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе 734024 кӯчаи С. Айнӣ 44 Почтаи эл.: info@ied.tj Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Факс: +992 (37) 221-67-50